# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи унвонҷӯ Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар мавзуи “Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ)**

Кори таҳқиқотии Шукурзода Хуршеди Абдумумин ба мавзуи мубраму муосири педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ бо ошкорсозии имкониятҳо, асосноккунии назариявӣ ва амалан санҷидани шароитҳои ташкили фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ҳангоми таълими «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» бахшида шудааст.

Дар замони муосир ба омӯзгор талаботҳои ҷиддӣ оид ба омодагии касбӣ ба миён омода аст. Пешомади амалисозии коркардҳои худинкишофёбии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки сарчашмаи рушди эҷодиёти омӯзгор мебошад, такя ба навгониҳои педагогӣ, инъикоси худро дар пайдо шудани муассисаҳои таълимии типи нав зуҳур меёбад, дидан мумкин аст. Ҳоло воридшавии унсурҳои нави мазмуни маълумот, технологияи нави таҳсилот мустаҳкамии робитаи муассисаҳои таълимӣ ва илм, муроҷиат ба таҷрибаи пешқадами педагогии дунявӣ боз ҳам мақому мароми омӯзгорро дучанд менамояд.

Самти рушди муосири муассисаҳои таълимӣ, мураккабшавии таҳсилоти ибтидоӣ ва инкишофи хонанда боиси пурзӯршавии ҷанбаи эҷодкоронаи таълим ва инчунин талаботҳои нав ба навро оид ба омодагӣ-методии муаллимони синфҳои ибтидоиро пеш меорад. Аз ин рӯ, ба муассисаҳои таҳсилоти муосир омӯзгорони навҷӯ, омӯзгор-эҷодкор, омӯзгор-муҳаққиқ, дорои қобилияти эҷодии ташхиси усулҳои мухталиф, маҳорати мушоҳидакорӣ, таҳлилкунӣ, дарёфти ҳолатҳои ҳақиқатшабеҳ, муқарраркунии

фарқият, ҷудокунии маҳаки асосӣ, умумигардонӣ, хулосабарорӣ, таҳлили интиқодӣ, интихобкунии муҳим ба ин ё он ҳолати таълими муносиб, ҳамзамон муҳайёсозии муҳити фаъоли ҷустуҷӯии хонандагон омӯзгори дорои тафаккури илмӣ-педагогии инкишофёфта лозим мебошад.

Омодасозии омӯзгорони оянда ҳамчун шахсиятҳои мустақил ва дорои фикррони интиқодӣ, қобилияти таҳияи системаи таҳсилот, ҳамон вақт имконпазир мешавад, ки ҷабҳаҳои гуногуни таҷрибаи фаъолияти эҷодиро дар курсҳои донишҷӯӣ гирифта бошад. Бинобар ҳамин, мақсад ва вазифаҳои донишгоҳҳои омӯзгорӣ аз он иборат аст, ки дар асоси дониш ва маҳоратҳои мустаҳкамӣ дар донишҷӯён қобилият ба эҷодиётро инкишоф дода, онҳоро ба равандҳои таҳқиқотӣ омода намудан лозим аст. Фақат омӯзгори эҷодкор, омӯзгори таҳқиқотчӣ боиси фаъолияти амалисозии равандҳои навгониҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ, барандаи технологияи педагогии нав шуда тавонанд. Аз ин рӯ, масъалаи таҳлили омодагии касбӣ-методии омӯзгор пурзӯркунии назариявии коркарди масъалаҳои вобаста ба омодагии донишҷӯён оид ба фаъолияти эҷодӣ ва таҳқиқотиро тақозо менамояд.

Автореферат шабоҳат медиҳад, ки асосҳои методологии таҳқиқот мантиқан дуруст ба роҳ монда шуда аст, ба тамоили системавии таълим, тамоили рушди психологӣ, тамоили фаъолиятнокӣ оид ба ташкили фаъолияти таҳқиқотӣ, тамоилҳо оид ба омодагии касбӣ-методии омӯзгори оянда, назарияи ташаккули шахсияти омӯзгор ва омодагии он ба фаъолияти педагогӣ, нишондодҳо оид ба назария ва методикаи таҳқиқотҳои педагогӣ мухтасар ифода ёфтаанд.

Ба тадқиқоти тӯлони муаллиф ба навгониҳои илмии зерин ноил шуда аст:

- моҳият ва мазмуни омодагии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ ҳамчун сифати ҳамгироии шахсият, ки муаллимониояндаро майли ворид шудан ба муҳити фаъолияти таҳқиқотӣ

доранд, инчунин таҷрибаи иҷрои фаъолияти таҳқиқотиро дар ҳолатҳои муҳим ва проблемавӣ ба роҳ монда шудааст, ошкор гардида аст;

- муқарар ва илман имкониятҳои бомувафакияти ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар мавриди омӯзиши «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» асоснок карда шуда аст;

- меъёрҳо, дараҷаҳои омодагии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ: мароқнокӣ; когнитивӣ; фаъолиятнокӣ; рефлективӣ;

- роҳу воситаҳои истифодаи таҷрибаи фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ дар раванди навиштани корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм коркард карда шуда аст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти Шукурзода Хуршеди Абдумумин аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он чунин қисми таркибӣ ба назария ва методикаи таълиму тарбия ворид шуда аст. Дар кор мафҳуми «Омодагии муаллимон ба фаъолияти таҳқиқотӣ» ҳамчун системаи ҳамгироии омӯзиши фанҳои таълимӣ, инчунин «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» барои ҷалби муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таҳқиқотӣ пешкаш гардида аст. Дараҷа ва меъёрҳои ташаккулёбии омодагии муаллимони оянда ҳангоми омӯзиши «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» муайян карда шуда, боиси муайянкунии барномаи корӣ ва дастурҳои таълимии «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» гардида аст. Инчунин хулосаҳо, андешаҳо, ки боиси беҳбудии раванди таълиму тарбия дар донишгоҳҳо мебошад, муҳити мусоидро фароҳам меорад.

Мазмуни асосӣ ва татбиқи натиҷаҳои таҳқикот дар равади таълими Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва муаллимони синфҳои ибтидоии шаҳри Душанбе ба таври озмоиши омӯзишӣ ба роҳ монда шуда, натиҷаҳои он таҳлилу ҷамъбаст карда шудааст.

Оид ба натиҷаҳои таҳқиқот дар 18 номгуй мақолаҳои илмӣ чоп гардидааст, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои тақризшавандаи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия нашр гардидаанд.

Автореферат пайдарпайии навишти мантиқӣ дошта, он дар сатҳи зарурии илмӣ мураттаб шуда, мазмун ва муҳтавои таҳқиқоти гузаронидашударо дар бар мегирад. Инчунин дар автореферат тамсилаи назариявии ташаккул додани шавқу ҳаваси маърифатии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ ва омода кардани онҳо ба омӯзиши мусалсали ин фан дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муоина гаштааст.

Кори пешниҳодгардидаи Шукурзода Хуршеди Абдумумин таҳқиқоти мустақилу ба анҷомрасида буда, ки навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалиро дорад ва ба талаботи Низомномаи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Тартиб додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ, ки ба бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи доктори фалсафа-PhD, аз рӯйи ихтисоси 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) арзанда мебошад.

Муқарриз, номзади илмҳои педагогӣ,
Директори МД "Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия": Гулзода Абдураҳмон Караматулло

Имзои Гулзода А.К.-ро тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадрҳои
МД "Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия": Ҷӯраев М.

16.06.2023